## ҲИСОБОТИ СОЛОНАИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ВА ДЕМОКРАТИЯ ДАР ҶАҲОН

## ТАҶДИДҲОИ КИШВАРҲО 2023

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. **Баррасии вазъи ҳуқуқи инсон ва демократия:** вазъи ҳуқуқи башар дар Тоҷикистон дар соли 2023 бад боқӣ монда, ба озодии баён, озодии ВАО ва озодии иттиҳодияҳо таъсири хоса дошт. Ҳомиёни ҳуқуқи башар ва рӯзноманигорон таҳти фишори доимӣ қарор гирифтанд. Фазои иштироки сиёсӣ дар кишваре, ки дорои низоми мутамаркази сиёсӣ ва назорати қатъии ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ мебошад, хеле маҳдуд буд. Дар ҳисоботи кишварии "Freedom House" оиди озодӣ дар ҷаҳон 2023 Тоҷикистон аз лиҳози ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодиҳои шаҳрвандӣ 7 аз 100 хол ба даст оварда, ба яке аз кишварҳое, ки дар маҷмӯъ бадтарин хол доранд, дохил шуд. Фазои кори расонаҳои мустақил бо сабаби теъдоди зиёди рӯзноманигорон, ки мӯҳлатҳои тӯлонии зиндонро сипарӣ мекунанд, душвор боқӣ монд. Тоҷикистон дар Индекси матбуоти ҷаҳонии Хабарнигорони бидуни марз дар соли 2023 дар зинаи 153 аз 180 қарор гирифт (як зина поинтар аз соли 2022). Санҷиш ва фишори мақомоти Тоҷикистон бар ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи баланд боқӣ мондааст. Дар давоми соли 2023 садҳо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пайи фишори мақомот ё аз сабаби набудани маблағ маҷбур шуданд, ки баста шаванд. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) танҳо шумораи ками созмонҳои мустақили ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолият доранд. Чанде аз ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва фаъолони машҳури тоҷик бо ҳукми тӯлонӣ, бахусус дар робита ба ҳодисаҳои ВМКБ дар соли 2022, дар зиндон боқӣ мемонанд. Дар пайи боздидаш ба Тоҷикистон дар моҳи апрели соли 2023 Гузоришгари вижаи Созмони Милал оид ба озодии дин ва эътиқод Назила Ғанӣ аз Тоҷикистон хостааст, ки қонунҳо, сиёсатҳо ва амалияҳояшро дар бораи озодии дин ва эътиқод мутобиқ ва иваз диҳад. Вай қайд кард, ки доираи татбиқи озодии дин ё эътиқод аз кафолатҳои қонуни байналмилалии ҳуқуқи инсон ба таври нигаронкунанда кӯтоҳ аст. Аҳамияти масъалаҳои ҳуқуқи ақаллиятҳо дар Тоҷикистон дар сафарҳои Комиссари Олии САҲА оид ба ақаллиятҳои миллӣ Абдрахмонов ва Гузоришгари вижаи СММ оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо Де Варен таъкид гардид. Аз ҷумла, ҷаноби Де Варен таъкид кард, ки барои амалӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсонии ақаллиятҳои динӣ ва ақаллиятҳои дигар, аз ҷумла ҷамъияти Ҷугӣ, истифодабарандагони забонҳои имову ишора, узбекҳо, ақаллиятҳои мазҳабӣ ва ҷамоати помирӣ дар ВМКБ корҳои зиёдеро бояд анҷом дод. Хусусан дар чорчубаи меъёрӣ баъзе пешравиҳои мусбат ба амал омаданд. Моҳи апрел Тоҷикистон Нақшаи миллии амалро оид ба татбиқи тавсияҳои Баррасии даврии универсалӣ қабул кард. Моҳи август раисиҷумҳури Тоҷикистон Стратегияи миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон то соли 2038 ва Нақшаи чорабиниҳои онро барои солҳои 2023-2025 тасдиқ кард; аввалин чунин стратегия дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Мақомот инчунин омодагии худро барои ноил шудан ба пешрафт дар баробарии гендерӣ ва пешбурди ҳуқуқи занон, бахусус тавассути тавсеаи тавонмандӣ, нишон доданд. Бо вуҷуди ин, зӯроварӣ дар оила ва гендерӣ ҳамчун эндемикӣ боқӣ мемонад ва пешниҳоди дарозмуддат оид ба ҷорӣ намудани ҷинояти мушаххаси зӯроварӣ дар оила то ҳол дар қонунгузории миллӣ қабул нашудааст.

2. **Фаъолияти Иттиҳоди Аврупо – самтҳои асосии таваҷҷӯҳ:** Амалҳои Иттиҳоди Аврупо ба афзалиятҳо, аз қабили баланд бардоштани устуворӣ ва тавонмандсозии ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон; дастгирии расонаҳои мустақил ва дастрасӣ ба иттилоот, аз ҷумла ҳуқуқҳои рақамӣ; баробарии гендерӣ ва ҳуқуқҳои занон; риояи волоияти қонун; ҳуқуқҳои маъюбон; инчунин дастгирииислоҳоти системаи пенитенсиарӣ ва мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона, нигаронида шуда буданд. Бо дарназардошти бад шудани фазои фаъолият барои расонаҳои мустақил ва ҳомиёни ҳуқуқи инсон, таваҷҷӯҳ ба тавонмандсозии онҳо боқӣ монд. Ташаббуси глобалии Иттиҳоди Аврупо ва Созмони Милали Муттаҳид "Spotlight" дастгирии Ҳукумати Тоҷикистонро дар мубориза бо хушунат алайҳи занон ва духтарон, ки дар кишвар паҳн шудааст, идома дод.

3. **Фаъолияти сиёсии дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо**: Иттиҳоди Аврупо мониторинги таҳаввулоти ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон идома дод, бо мақомот муколамаҳои мунтазами сиёсӣ анҷом дод ва бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ (бахусус СММ ва САҲА) ҳамкории фаъол дошт. 14 декабри соли 2023 дар Душанбе 14-умин Муколамаи ҳуқуқи инсон байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон баргузор шуд. Дар рафти муколама ҷониби Иттиҳоди Аврупо масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи бештарро ба миён гузошта, бахусус ба озодии баён, озодии ВАО, инчунин муҳити кори рӯзноманигорон, ҳомиёни ҳуқуқи башар ва вазъи ВМКБ таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Иттиҳоди Аврупо аз мақомоти Тоҷикистон тақозо кардааст, ки ӯҳдадориҳо... таааҳҳудоти худ дар заминаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла стандартҳои байналмилалии мурофиаи одилонаро риоя кунанд. Муколама оид ба ҳуқуқи инсон ҳамроҳ бо як ҳайати арзёбии Иттиҳоди Аврупо оид ба раванди дархости Тоҷикистон барои шомил шудан ба GSP+ гузаронида буд. Дархости мазкур платформаи муколамаи пайвастаро оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон фароҳам меорад, зеро GSP+ бо татбиқи конвенсияҳои асосии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи меҳнат, муҳити зист ва идоракунии хуб алоқаманд аст. Илова бар ин, як қатор боздидҳо ва вохӯриҳои сатҳи олӣ барои иштирок дар масъалаҳои ҳуқуқи инсон фурсатҳои муҳим фароҳам овარданд. Аз ҷумла, 10-умин Кумитаи ҳамкории порлумонии Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар ш.Душанбе ва сафарҳои Ҳамоҳангсози Иттиҳоди Аврупо оид ба мубориза бо терроризм ва ҳамчунин Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба Тоҷикистон. Музокирот оид ба Созишномаи нави шарикӣ ва ҳамкории густарда байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон (EPCA), ки моҳи феврали соли 2023 оғоз гардида, ҳоло идома дорад, ба Иттиҳоди Аврупо як имкони беназир барои ҳамкорӣ дар масъалаҳои ҳассос ва таъкид ба нақши ҳуқуқи умумии инсон ва принсипҳои демократия ҳамчун асоси муносибатҳои дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон, фароҳам овард.

4. **Фаъолияти молиявии Иттиҳоди Аврупо**: Дар соли 2023 як қатор лоиҳаҳои ҳуқуқи инсон бо таваҷҷуҳи хоса ба дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои маргиналӣ, ислоҳоти пенитенсиарӣ, зӯроварии гендерӣ ва баробарии гендерӣ татбиқ карда шуданд. Даъвати нав барои пешниҳодҳо дар доираи Барномаи мавзӯӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва демократия ва Барномаи мавзӯӣ барои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оғоз гардид. Баъдан, панҷ лоиҳаи нав интихоб карда шуданд, ки аз ҷониби созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии маҳаллӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд, ки ба самтҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, пешгирии шиканҷа ва ислоҳоти системаи пенитенсиарӣ, ҳуқуқҳои маъюбон ва дастгирии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар идоракунии хуб махсусан тавассути навовариҳои рақамӣ, нигаронида шудаанд. Лоиҳаҳои мухталифе, ки аз

ҷониби FPI (*Санади сиёсати хориҷӣ*) маблағгузорӣ мешаванд, ба пешбурди ҳуқуқҳои кӯдакон, занон, ақаллиятҳои миллӣ, ҷавонон ва озодии ВАО ва сухан, инчунин огоҳӣ аз қонунҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқи башар вобаста ба бозйдоштшудагон ва гурезаҳо, мусоидат карданд.

5. **Чорчӯбаи бисёрҷониба**: Пас аз 3-юми Шарҳи даврии Умумиҷаҳонии (UPR) Тоҷикистон (ноябри 2021) ва натиҷаи он, ки дар иҷлосияи 49-уми Шӯрои ҳуқуқи башар (марти соли 2022) қабул шудааст, Ҳукумати Тоҷикистон Нақшаи миллии амалро оид ба татбиқи тавсияҳои UPR дар моҳи апрели соли 2023 қабул кард. Тоҷикистон бо қабули боздиди ду Гузоришгари махсуси СММ дар соли 2023, масалан, оид ба озодии дин ва эътиқод ва масъалаҳои марбут ба ақаллиятҳо ва Комиссари Олии САҲА оид ба корҳои миллӣ, ба институтҳои бисёрҷониба самимияти назаррасро нишон дод. Намояндагии Иттиҳоди Аврупо демаршро оиди афзалиятҳои худ дар иҷлосияи 78-уми Кумитаи сеюми Асамблеяи Генералии СММ ва демаршро барои мусоидат ба таъсиси Барномаи амалиёти киберии СММ пешниҳод кард.